# ТАҚРИЗ

*ба афтореферати рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ дар мавзуи «**Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо**» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи иҷтимоӣ)*

Афтореферати пешниҳодшуда ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами психологияи муосир – омӯзиши хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки пешгирии он бахшида шудааст. Дар шароити тағйироти иҷтимоӣ, равонӣ ва фарҳангии ҷомеа, омӯзиши ин мушкилот аҳамияти назариявӣ ва амалӣ пайдо намуда, махсусан барои фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ва мутахассисони соҳаи равоншиносӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар афтореферат асоснокии интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши масъала дар илм, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро ба таври возеҳ муайян намудааст. Объект ва предмети таҳқиқот, фарзияи илмӣ, навоварии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии кор бо тартиби мантиқӣ баён гардидаанд, ки аз сатҳи хуби омодагии илмии муаллиф шаҳодат медиҳанд. Дар қисми назариявии таҳқиқот моҳияти мафҳуми «агрессия», навъҳо, шаклҳо ва омилҳои зоҳиршавии он дар давраи наврасӣ таҳлил гардида, ақидаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври муқоисавӣ баррасӣ шудаанд. Боиси дастгирист, ки муаллиф дар рисолаи худ таҳқиқоти муҳаққиқони ватаниро сармашқи кор қарор додааст. Аз он ҷумла: махсусияти ташкили тарбияи маънавӣ дар шароити мактабҳои махсус ва роҳҳои пешгирии ҷинояткории наврасӣ (Кучкаров А.Х., Юсупова С.О., Курбанов Ю.А.); нақши оила ва муносибатҳои оилавӣ дар ташаккули рафтори агрессивӣ (С. Қодиров, Н. Абдурашитов, З. Р. Сафарова); ҷустуҷӯйи роҳҳои ислоҳи тамоюлҳои эмотсионалӣ, душвориҳо дар рафтор, аз он ҷумла, рафтори агрессивӣ (С. Қодиров, Н.М. Раҷабов, Б.Х. Саидзода Н. Абдурашитов); омӯзиши хусусиятҳои психологии наврасоне, ки даст ба ҳуқуқвайронкунӣ мезананд (Расулов С.Х., Комилова М., Абдурашитов Н., Раҷабов Н.М.).

Муаллиф хусусиятҳои синнусолии наврасонро ба инобат гирифта, робитаи агрессияро бо омилҳои иҷтимоӣ, оилавӣ ва равонӣ асоснок менамояд. Ӯ аз ҷумла қайд мекунад ”Пешгирии рафтори агрессивӣ дар кӯдакону наврасон масъалаи мураккаб ва гуногунҷанбаест, ки танҳо дар сурати ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонаҳо, шуъбаи кор бо ноболиғони ВКД ва, умуман, ҷомеа имконпазир мегардад".

Қисми таҷрибавии таҳқиқот бо истифода аз усулҳои муосири ташхиси психологӣ анҷом дода шуда, натиҷаҳои бадастомада бо ҷадвалҳо ва хулосаҳои илмӣ мустаҳкам гардидаанд. Дар асоси натиҷаҳо роҳҳо ва тавсияҳои амалии пешгирии рафтори агрессивӣ дар наврасон пешниҳод шудаанд, ки метавонанд дар фаъолияти равоншиносон, омӯзгорон ва волидон мавриди истифода қарор гиранд.

Афтореферат бо услуби илмӣ навишта шуда, забони баён равон ва дақиқ мебошад. Хулосаҳо ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқат дошта, мазмуни асосии рисоларо пурра инъикос менамоянд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки афтореферати пешниҳодшуда ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ҳимояи рисола ва гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050307 – Психологияи иҷтимоӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:** доктор PhD
аз рӯйи ихтисоси психология Шаҳнозаи С. Т.

Суроға: 735103,ноҳияи Варзоб,
Ҷамоати деҳоти Чорбоғ,
тел. 555502400,
суроғаи электронӣ
Donishkada.ijtimoi@mail.ru

Имзои Шанозаи Табариро
тасдиқ мекунам,
сардори Ш.К "МДТДТИКНХИА" Мамадназарова Ш. С.
05.02.2026

Суроға: 735103, ноҳияи Варзоб,
Ҷамоати деҳоти Чорбоғ,
тел. 555502400,
суроғаи электронӣ
Donishkada.ijtimoi@mail.ru